# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи **Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич** дар мавзуи “Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ

Марҳилаи нави таҳаввулоти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, ки ба замони истиқлоли миллӣ пайванд мегирад, дар баробари равандҳои дигар ба рушди адабиёти миллӣ низ муассир омад. Адабиёти навини тоҷик, бавежа шеъри муосир ба пешрафтҳои назаррас рӯ ба рӯ гардида, мавриди эътирофи ҳамзабонон ва ҳатто аҳли адаби кишварҳои мухталифи олам қарор гирифт, ки интишори силсилаи китобҳои шоирони тоҷик дар Эрону Афғонистону Ҳинд ва тарҷумаи намунаҳои ашъори онон бо забонҳои русиву англисӣ, олмонӣ, узбекӣ, испанӣ ва амсоли ин далели гуфтаҳои болост. Ҳузури насли нави адабиёт бо диду чашмандози нав ба шеъру шоирӣ, тафаккури тоза ва анҷоми ибтикороти ҳунарӣ дар қаламрави адабиёти муосир бар шаклгирии тамоюлҳои ҷадид сабаб гардид, ки ин амри муҳим ба таҳаввулоти сохтор ва дарунмояи шеър нақши муассир гузорад. Озарахш дар шумори суханварони ҳамин насли адабӣ қарор дорад, ки ҳарчанд сароғози эҷодиёти ӯ ба айёми донишҷӯйии вай дар замони қабл аз истиқлоли миллӣ пайванд меёбад, вале симои аслии шоирии ӯ дар марҳилаи нави таҳаввули адабиёти миллии тоҷик дар қаламрави адабиёти муосир муаррифӣ гардид. Нахустин маҷмуаи шеърии шоир ҳам дар соли 1997, яъне дар давони истиқлоли миллӣ ба чоп расид, ки ин нукта ҳам ба чеҳраи дурахшони давраи нави адабиёти тоҷик ишорат мекунад. Шеъри Озарахш аз чандин вежагиҳои муҳимми ҳунариву мавзуӣ ва сабкӣ бархурдор аст, ки ба худи ӯ ва шеваи махсуси нигоришаш мансуб аст. Мусиқияти баланд, салосату равонӣ, ибтикорот дар эҷоди таъбирҳои шоирона, ватанномасароиҳои шоиронаи бо сабки махсус, нодиракориҳо дар

вожасозӣ, корбурди мафоҳим ва истилоҳоти вежаи фарҳанги мардумӣ ҳамроҳ бо номвожаҳо дар шумори ин вежагиҳои махсуси ашъори Озарахш ҷой гирифтаанд. Ҳарчанд аз замони нашри аввалин дафтари шеъри шоир то имрӯз нақду тақризҳои зиёде ба навиштаҳову китобҳои ӯ дар матбуот, китобу маҷмуаву маҷаллаҳо ба чоп расидаанд, ки бештаринашон дар китоби "Дурахши шеъри Озарахш" фароҳам омадаанд, вале то кунун як таҳқиқоти ҷомеъ ва мустақил роҷеъ ба вежагиҳои ҳунарии ашъори ин суханвари тозаназар дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии имрӯзи тоҷик ба қалам наомада буд.

Диссертатсияи номзадии **Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич** дар мавзуи "Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ" бо фарогирии таҳқиқи ҷанбаҳои муҳимми муҳтавию ҳунарии ашъори Озарахш мебошад, ки бори аввал дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии муосири тоҷик бо чунин сурате комил ва дар доираи як рисолаи мустақили илмӣ ба қалам омадааст. Диссертатсия мутобиқ ба таълифи рисолаҳои номзадӣ иншо гардида, ба шиносномаи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мутобиқат дорад.

**Аҳаммияти мавзуи таҳқиқ** дар он муқаррар карда мешавад, ки бо таълифи ин диссертатсия бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ашъори Шоири халқии Тоҷикистон Озарахш ҳам аз назари мавзуъ, ҳам сабки суханварӣ, арзишҳои ҳунарӣ, поэтика ва дигар вежагиҳои муҳим мавриди нақду баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар канори ин, ҳарчанд дар китобҳои то кунун нашршудаи муаллиф, қомусҳо ва осори фарогири шарҳи ҳоли адибон зиндагиномаи Озарахш нашр шудааст, вале дар диссертатсия бо такя бар ин манобеъ ва далелу арқоми дигар, хоса ашъори худи шоир ҳолномаи муфассали шоир ба қалам омада, ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик муқаррар карда шудааст. Нуктаи дигари муҳим, ки аҳаммияти мавзуи таҳқиқро мушаххас мекунад, фарогирии

тамоми маҷмуаҳои ашъори шоир, ки то замони таълифи диссертатсия нашр шуда, дар умум 7 ададро ташкил медиҳанд, ба ҷараёни пажуҳиш ба шумор меравад.

**Навгониҳои таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки ба таъкиди муаллиф "дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки бори аввал масъалаи поэтикаи ашъори Озарахш ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти имрӯзи тоҷик мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирад". Бори аввал дар ҷараёни таҳқиқот ҳолномаи шоир бо такя бар ашъори ӯ такмилу таҷдид шуда, муҳимтарин мавзуоти ашъори вай, аз ҷумла силсилаи шеърҳои "Ватаннома" дар пайванд бо тасвири отифии зодгоҳ, афкори ахлоқиву бозтоби масоили мубрами башарӣ дар сурудаҳояш,анъана ва навовариҳо дар ашъор, тозакориҳо дар анвои суннатӣ ва нави шеър, пайвандҳои суннатҳои овозхонӣ ва мусиқӣ дар шеъри шоир, вазни шеър, ҷойггоҳи қофия ва радиф, тасвирҳои парадоксӣ ва амсоли ин ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** дар он ба субут мерасад, ки ҳангоми ба қалам овардани диссертатсияи худ муаллиф аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ дар сатҳи матлуб кор гирифтааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар манзури мустанад, мушахас ва аниқу дақиқи маълумот, мувофиқати ҳаҷми умумии маводи диссертатсия бо коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, шумора ва ҳаҷмии умумии мақолаҳои ба чоп расида ва гузиниши дурусти методологияи таҳқиқот таҷассум ёфтааст. **Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия** ҳосили пажуҳишу таҳлилҳои муфассали илмӣ ва мавриди санҷиш қарор гирифтани ҳадафҳои назарӣ ва нуктаҳои меҳварии барои дифоъ пешниҳодшуда маҳсуб ёфта, бар асоси онҳо дурнамои нақду таҳқиқи бештари масъалаҳои мубрами шеъри муосири тоҷик дар мисоли ашъори Озарахш дақиқ ва мушаххас гардидаанд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, барои таҳқиқи равандҳои шеъри муосири тоҷик, хосса вежагиҳои ҳунариву мавзуии ашъори Озарахш ва суханварони дигари адабиёти муосир, мавзуъ ва мундариҷаи шеъри имрӯз, поэтикаи анвоъи суннатӣ ва нави шеър, ҷараёнҳои адабӣ, тасвирсозиву таъбирофаринӣ, бозтоби масоили умумиинсонӣ дар шеъри имрӯзи тоҷик ба адабпажуҳон, унвонҷӯён, магистрантону донишҷӯён раҳнамоӣ мекунад, то ба пажуҳишҳои тозаи дигар иқдом намоянд.

Довталаби дараҷи илмӣ бештар 6 мақола, ки аз онҳо 4 ададашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, мушарраф гардидааст. **Маводи нашрнамудаи диссертант** масъалаҳои умда ва асосии таҳқиқот, натиҷаҳои муҳим, мундариҷаи комили диссертатсияро инъикос намуда, якҷоя бо суханрониҳои илмӣ дар конфронсҳои мухтаиф саҳми шахсии муаллифро бозгӯӣ ва шарҳу тафсир мекунанд.

Ба таври куллӣ, метавон изҳор дошт, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, 13 фасл, 3 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфта, ҳаҷми умумии он 193 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимият ва мубрамият, мақсад ва вазифаҳо, сарчашмаҳо ва равишҳои таҳқиқ дақиқу мушаххас қарда шуда, нуктаҳои меҳварии барои дифоъ манзуршаванда, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ, саҳми шахсии муаллиф дар анҷоми чунин як таҳқиқоти муҳим муайян гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия “Зиндагиномаи Озарахш ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик” унвон дошта, муҳимтарин матолиби мавриди таҳқиқ дар 4 фасл шарҳу баён ёфтаанд. Муҳаққиқ дар навбати аввал, қабл аз он ки мақоми шоирро дар қаламрави адабиёти муосир мушаххас ва муқаррар созад, иқдом намудааст, ки бо такя бар намунаҳои ашъори худи ӯ, қомус ва дигар осори фарогири ҳолномаи адибон зиндагиномаи

муфассали адибро ба қалам оварад, ки аз ҳар ҷиҳат муҳим ва ҳоизи аҳаммияти илмист. Заминаҳои рушди истеъдоди шоирӣ, таъсири муҳити хонавода ва мактаб, зинаҳои таҳсилот ва тамоюлҳои эҷодии адиб ва омилҳои муассир ба дигар паҳлуҳои ҳунарии вай дар зиндагиномаи адиб дар диссертатсия шарҳу баён ёфтаанд, ки ҳамагӣ ба як таҳқиқи муҳим дар ин маврид таъкид меварзанд. Фарқияти куллии ин шеваи баёни ҳолномаи шоир аз дигар манобеи фарогири зиндагиномаи ӯ низ дар ҳамин нукта ифода меёбад, ки дар навиштаи диссертант ҷанбаи таҳқиқӣ афзалият дорад. Шарҳу тафсири лаҳзаҳои зиндагӣ, таҷассуми лаҳазоти ҳаёт, марҳилаҳои таҳаввули даврони истиқлоли миллӣ, ки аз замони ҷанги шаҳрвандӣ то расидан ба сулҳи кулл ва корсозиҳои азим, бунёди иншооти муҳим, чун неругоҳи Роғун (дар силсилаи ашъори “Нурнома”) ҳамагӣ ҷараёни таҳаввули эҷодиёти шоир, нақши ӯро чун симои адиби замони хеш ва ҷойгоҳашро ҳамчун суханвари замони мо мушаххасу муқаррар сохтаанд.

Таҳқиқи вежагиҳои ашъори силсилаи “Ватаннома” ва дар пайванд ба он баҳсу баррасиҳои марбут ба тасвири отифии зодгоҳ, ки он ҳам навъе талқин ва тарғиби ватандорӣ ба шумор меравад, идомаи пажуҳиши диссертантро дар ин боб фаро гирифтааст. Бо руҷуъ ба шеъри шоирони адабиёти классикии тоҷик ва намояндагони адабиёти даврони Шӯравӣ заминаҳои таҳаввули шеъри ватандорӣ ва бозтоби тамҷиду ситоиши ватан таҳқиқу баррасӣ шуда, мушаххасоти ашъори ба ин мавзуъ бахшидаи Озарахш дар силсилаи “Ватаннома” ва дигар сурудаҳои вай таҳқиқ шудааст. Ҳар як шеъри силсилаи мазкур, ки маҷмуан аз 30 адад таркиб ёфта, дар китоби “Парвона зинда аст” ҷой дорад, ба таври алоҳида шарҳу тафсир ва нақду баррасӣ шудааст.

Як вежагиҳои муҳимми ин бахши таҳқиқот дар он таҷассум ёфтааст, ки силсилаи ашъори ба мавзуоти мубрами умумибашарӣ, чун муқовимат бо ифротгароӣ, хушунат, ҷангу хунрезӣ, куштор ва амсоли ин

бахшидашуда шарҳу таҳлил ёфтаанд, ки дар воқеъ, арзиш ва аҳамияти умумиинсонӣ доранд.

Боби дувуми диссертатсия “Анъана ва навоварӣ дар ашъори Озарахш" ном дошта, аз панҷ фасл таркиб ёфтааст. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки диссертант фаъолияти овозхонии шоирро ҳамчун яке аз омилҳои муассир ба эҷоди ашъори ӯ муқаррар ва бар ин асос, заминаҳои аслии нуфузи мусиқият дар сурудаҳои шоирро шореҳӣ намудааст. Дар ин росто, бо таъкид бар нақши калидии мусиқӣ дар ашъори Озарахш муҳаққиқ ҷойгоҳи вожагони муқаффо ва мураддаф дар таъмини ҷанбаҳои мусиқоии сурудаҳои шоир муқаррар сохтааст. Ҳамоҳангӣ ва такрори калимот дар ашъори Озарахш, бавежа дар мақоми қофия ва радиф омадани онҳо бар рукни муҳимми мусиқоии ашъори шоир муҳассаноти дигаре афзуда, ки ба чандин намуна дар мисоли “қалимаҳои зебои «андешаҳо», «решаҳо», «гулбешаҳо», «тешаҳо», «шишаҳо» ва «пешаҳо” ишорат кардааст.

Бозтоби масъалаи гиромидошти арзишҳои миллӣ дар шеъри Озарахш низ бахши муҳимми баррасиҳои илмии боби дувуми диссертатсияро ба вуҷуд овардааст. Таҷассуми Наврӯз ва оинҳои он, Меҳргон, истиқлоли миллӣ ва Суруди миллӣ, Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷойгоҳи Қасри Арбоб дар сарнавишти таърихи навини тоҷикон дар шумори чунин мафоҳими ифодакунандаи арзишҳои миллӣ қарор доранд, ки дар умум, барои ифода ва инъикоси ин мавзуи муҳим дар шеъри Озарахш мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқ диссертант муқарррар кардааст, ки ашъори суннатии таркиби эҷодиёти Озарахшро рубоиву дубайтӣ ва асосан, ғазал ба вуҷуд овардааст. Ҳарчанд муҳимтарин вежагиҳои ин навъи ашъори суннатӣ дар эҷодиёти Озарахш идома ёфтаанд, вале дар баробари ин шоир кӯшидааст, ки бархе навовариҳо низ анҷом диҳад, ки бештари онҳо

дар забони ашъори вай таҷассум ёфтаанд. Ҳамчунин, диссертант дар таҳқиқи вежагиҳои муҳимми шеърҳои озоди шоир низ муқаррар намудааст, ки ин навъ сурудаҳои вай низ аз тозагиҳои фаровоне бархурдоранд, ки он пеш аз ҳама, дар таҷассуми руҳи замон, ҳамоҳангӣ бо ҳолу ҳавои рӯзгори хеш, эҷоди радифҳои дохилӣ дар таркиби шеъри сапед ва амсоли ин маънӣ пайдо кардаанд.

Боби савуми диссертатсия "**Сохт ва бадеияти шеъри Озарахш**" ном дорад ва аз 4 фасл ва се зерфасл таркиб ёфтааст. Таҳқиқ дар вежагиҳои корбурди авзони маъруфи шеърӣ муқаррар кардааст, ки "дар шеъри шоир ҳам баҳрҳои солим ва ҳам баҳрҳои фаръӣ истифода шудаанд. Аз ҷумла, ҳазаҷ, рамал, раҷаз, мутақориб ва мутадорик аз баҳрҳои солим; сареъ, музореъ, муҷтасс ва хафиф аз баҳрҳои фаръӣ мебошанд. Аз рӯйи касрати истеъмол ва танаввуъи авзон ҳазаҷ дар шеъри Озарахш дар ҷойи аввал меистад. Шоир ба ҳазаҷ, ки хушоҳангу дилписанду руҳафзотарин баҳри арӯзист, таваҷҷуҳи хос зоҳир карда, авзони солиму зиҳофоти маъмулу хуши онро дар ашъори худ ба кор бурдааст (107). Барои исботи назароти хеш намунаҳое аз ғазалҳои шоирро дар авзони мустаъмал зикр ва мулоҳизаҳои хешро мустанад гардонидааст. Нақши қофия ва радиф дар ашъори Озарахш хеле муҳим арзёбӣ гардида ва матлабҳои муҳимми дигаре ҳам дар ин бора дар мавриди мусиқияти ашъори суханвар баён шудаанд. Бинобар таҳқиқи диссертант воқеан, Озарахш дар эҷоду гузиниши вожагони муқаффо дар шеър ва радоиф аз ҳунармандтарин шуарост, ки нодиракориҳое шоён аз худ ба намоиш гузоштааст. Дар истиқбол ба бархе аз суннатҳои қобили таваҷҷуҳи шеъри классикӣ Озарахш вожагон ва таъбирҳои тозаеро дар мақоми қофия ва радиф бармегузинад, ки назире дар шеъри дигарон надоранд ва ин вежагӣ баробари таъмини мусиқият ҳунари шоирии суханварро дар вожасозиву таркибофаринӣ шореҳӣ мекунад. Тасвир ва бозёфтҳои шоирона, корбурди саноеи бадей аз аносири барҷастаи таъмини бадеият дар шеъри

шоир ба шумор меравад, ки ҷойгоҳи онҳоро дар ашъори Озарахш диссертант ба таври барҷаста таҳқиқ кардааст. Таҳқиқи ташбеҳ, талмеҳ, тазод, иштиқоқ ва такрор, ки дар шеъри Озарахш ҷойгоҳи хос дорад, барои таъйини ҷанбаҳои муҳимми поэтикии сурудаҳои ӯ муассир омадаанд. Тасвирҳои парадоксӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар шарҳу баёни ҳунари шоирии Озарахш низ хеле амиқу дақиқ мавриди пажуҳиш қарор гирифта, дар ин замина бо гузиниши шеваи таҳқиқи қиёсӣ бо намунаҳои тасвирҳои мутаноқизнамо дар шеъри шоирони дигари адабиёти муосир мавқеъ ва мақоми суханвар дар эҷоди чунин шигардҳои ҳунарӣ мушаххас гардидааст.

Дар Хулосаи диссертатсия, ки аз 16 банди назарӣ ва 7 тавсияи амалӣ иборат мебошад, натиҷаҳои меҳварии аз пажуҳиш ба даст омада, шарҳу баён ёфтаанд, ки дар умум, дастовардҳои илмии диссертантро аз таҳқиқи мавзуъ муқаррар мекунанд.

Ба таври умум, метавон изҳор дошт, ки диссертатсияи **Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич** дар мавзуи "Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ" як таҳқиқоти тоза дар шинохти поэтикаи ашъори ин шоири номвари муосири тоҷик ба шумор рафта, дар он вежагиҳои ашъори суханвар дар пайванд бо паҳлуҳои дигари эҷодии ӯ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Баробари ин, муҳассааноти илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, киислоҳи онҳо қобили аҳаммият буда, дар афзудани қимати илмии таълифи мазкур метавонанд, таъсиргузор бошанд:

1. Дар мундариҷаи диссертатсия бархе такрорҳо ба назар мерасанд, ки ба андешаи мо, зарурат надоранд. Масалан, ҳарчанд дар зикри унвони ҳар се боб номи Озарахш мазкур аст, вале муаллиф мукаррараран, дар номи фаслҳо низ (боби аввал 3 маротиба, боби дувум 3 ва боби савум панҷ маротиба) номи шоирро такрор мекунад. Ба назари мо, дар унвони фаслҳо такрори зиёди номи шоир зарурат надорад, чун номи худи

диссертатсия ва бобҳои он мусаллам аст, ки меҳвари таҳқиқотро ашъори ҳамин шоир ба вуҷуд овардааст.

2. Дар бахши дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ на ҳамаи пажуҳишҳои марбут ба шеъри Озарахш анҷомёфта шарҳу таҳлил ёфтаанд. Масалан, ҳарчанд ба нақду шоирон ба шеъри Озарахш руҷуъ шудааст, вале мукаммал нест, дар ин ҷода мақолаҳои Абдуҷаббри Суруш "Фазо ва ҳавои тозаи шеъри Озарахш", Адибаи Хуҷандӣ "Вежагиҳои ашъори Озарахш" дар саҳифаҳои нашрияи "Адабиёт ва санъат" ва маҷаллаи "Паёми Суғд" нашр расидаанд, ки аз назари муаллиф дур мондаанд. Дар баробари ин, дар диссертатсияи доктории Солеҳ Қосим низ фасле бо унвони "Сабки фардии Озарахш" ҷой дорад, ки ба он ишорате мавҷуд нест. Ҳарчанд дар рӯйхати адабиёти диссертатсия китоби "Дурахши шеъри Озарахш" зикр гардида, аммо дар бахши дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ ба он ишорате нашудааст.

3. Дар саҳифаи 170 муаллиф таъкид мекунад, ки Озарахш дар сохтани калимаҳои мураккаб таҷрибаи вофир ҳосил кардааст, ки дар ин раванд ба ӯ таъсири Мирзо Абдулқодири Бедил эҳсос карда мешавад". Агар андешаи мазкурро муҳаққиқ бо зикри намунаҳое аз Бедил, ки ин қаробатро собит мекунанд, таъйид мекард, боз ҳам беҳтар мешуд. Ҳатто ҳамон вожаи мураккаби "дарахтистон", ки каме болотар аз баёни ин матлаб онро сохтаи худи шоир унвон мекунад, низ дар қолиби калимасозии Бедил сохта шудааст, ки мисолҳое фаровон дар девони шоир ҷой дорад.

4. Дар саҳифаи 178 менависад: "Дар ин байти ғазали Озарахш калимаи «телфонак», ки хосси шеъри мудерн аст, мавриди истифода қарор гирифтааст". Ин тарзи ифода ба назари мо чандон қабул нест ва истифодаи калимаҳои нав танҳо хусусияти шеъри мудерн буда наметавонад ва дар асл шеъри мудерн навъи шеъриест, ки таърифи худро дорад.

5. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву услубӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онро ба салоҳи кори муаллиф аст.

Албатта, ин ҳама қайду эродҳои мавриди назар ҳаргиз арзишу аҳаммияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Ба таври куллӣ, метавон изҳор дошт, ки диссертатсияи **Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич** дар мавзуи "Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комилан, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
директори Институти илмӣ- тадқиқотии
илмҳои ҷомеашиносии
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Нуров Нуралӣ Норович

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, Хуррамшаҳр 38.
Тел: (+992)928763797
E-mail: nurali74@mail.ru

Имзои Нуров Нуралӣ Норовичро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров З. С. Ҳусейнова
«20» майи соли 2024.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
телефон: 6-52-73, 6-47-39 факс: 6-75-18;
E-mail: rector@hgu.tj Сомонаи расмӣ: www.hgu.tj